**Хулосаи**

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович ба таҳқиқи усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ) бахшида шудааст. Диссертант як шохаи таҳқиқнагардидаи усулҳои калимасозиро бо равиши муқоисавӣ муайян карда, умумият ва фарқияти онҳоро нишон додааст. Дар забонҳои матраҳшаванда оид ба усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ то ҳол ягон таҳқиқоти ҷудогонае анҷом дода нашудааст.

Дар таҳқиқоти зерин усулҳои сарфию наҳвии калимасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар асоси асарҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар раванди баррасии мавзуъ маводи фаровон аз забонҳои таҳқиқшаванда ҷамъ карда, онҳоро баррасӣ намудааст. Аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавод бармеояд, ки диссертант мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намудааст.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки нахустин бор усулҳои сарфию наҳвии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бар мабнои маводи асарҳои бадеӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Натиҷагириҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати назариявию амалӣ бахши калимасозии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро боз ҳам мукаммалтар намуда, дастовардҳои он барои таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба лексикология, грамматикаи амалӣ ва назариявӣ (морфология ва синтаксис) метавонад, ҳамчун мавод истифода бурда шавад.

Диссертант дар таҳқиқи мавзуи зерин аз пажуҳишҳои забоншиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Қ. Тоҳирова, Л.С. Пейсиков, Ҳ. Маҷидов, Ш. Бобомуродов, З. Мухторов, И. В Арнолд, Г. Б. Антрушина, О.Д. Мешков, А.И. Смирнитский, В.В. Виноградов, Е.С. Кубрякова, П.М. Карашук, В.В. Елисеева ва дигарон истифода намудааст.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияту нававарии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод шуда, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши калима ва калимасозӣ»** унвон дошта, се фаслро дар бар мегирад. Муҳаққиқ дар боби зерин дар бораи мафҳуми калима, калимасозӣ, нақши калимасозӣ дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва андешаҳои забоншиносон оид ба калимасозӣ дар забонҳои муқоисашаванда маълумоти зарурировро иброз намудааст.

Боби дуюми дессертатсия **«Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дорои ду фасл мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ муайян намудани усулҳои сарфии калимасозиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар мабнои маводи асарҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дар доираи чор фасл таҳқиқ гардидааast. Дар боби мазкур усулҳои наҳвии калимасозии конверсия, субстантиватсия, вербализатсия ва калимаҳои мураккаб бо мисолҳои мушаххас дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ ҳар як бобро ба таври алоҳида бо рақам натиҷагирӣ кардааст, ки мундариҷаи хулосаи таҳқиқоти дар диссертатсия анҷомдодаи ӯро пурра инъикос менамоянд. Рӯйхати адабиёт дар асоси меъёр ва талаботи мавҷуда мураттаб гардидааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва онро барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод намудан арзишманд аст.

Вобаста ба диссертатсияи зерин комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

1. Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

2.1 **Мухторов Зайнидин Мухторович** – доктори илмҳои филологӣ, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе

2.2. **Саъдиева Гулистон Фатоевна -** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ — Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент, узви Шурои диссертатсионӣ — Каримов Шуҳрат Бозорович

номзади илмҳои филологӣ, дотсент узви Шурои диссертатсионӣ — Матробиён Саодатшо Қосимзода

«26» майи соли 2022